**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2020. – 28 с.)**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Шосаидзода Ш.Ш. ба яке аз масъалахои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Зеро эътироф ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар ҳамаи давраи ҷомеаи инсонӣ аввалиндараҷа дониста мешавад. Дар ҳар як давраи таърихӣ масъалаи эътирофи ҳуқуқҳои кудакон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайян ба танзим даровара мешуд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъала оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон масъалаи мубрами илмӣ буда, пеш аз ҳама, омӯзиши эътирофи ҳуқуқҳои кӯдакон дар тамаддуни гузашта, бартараф кардани норасоиҳои таърихӣ, рушд ва ташаккули қонунгузорӣ дар ин самтро дорост.

Унвонҷу Шосаидзода Ш.Ш. дар афтореферати худ ҷанбаҳои дигари мубрамияти мавзӯъро пешниҳод ва асоснок кардааст, ки муҳимияти таҳқиқотро исбот менамоянд. Яке аз дастоварди муҳимми кори илмии Шосаидзода Ш.Ш. дар он мебошад, ки он дар натиҷаи коркарди комплексии илмӣ таҳия карда шуда, дар кор усулҳои умумии фалсафавӣ, аз қабили, диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ, истифода шудаанд. Ҳангоми

навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-хуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода шудааст.

Дар афтореферати диссертатсия мақсад ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниходшаванда, аҳмияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст.

Дар доираи кори илмии мазкур масъалаи эътирофи ҳуқуқҳои кӯдакон дар масири тамаддуни халқи тоҷик ва моҳияти он асоснок карда шудааст. Дар боби якум – «Ташаккул ва эътирофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: аз замони зардуштия то давраи шӯравӣ», ки аз чор зербоб иборат мебошад, муаллиф масъалаҳои ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ, эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон, мустаҳкам намудани ҳуқуқи кӯдак дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶШФСР, ҶХШБ ва ҶМШС Тоҷикистон (1918-1929) ва таҳкими ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон (1929-1990)-ро таҳлил намудааст.

Боби дуюм – «Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, дар он, мафҳум, мазмун, моҳияти ҳуқуқҳои кӯдак ва манфитҳои беҳтарини онҳо дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии он тибқи қонунгузории Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Рисоланавис қайд менамояд, ки марҳилаи кӯдакии ҳаёти инсон хусусиятҳои худро дорад, бахусус, ба қадри кофӣ мавҷуд набудани тавоноӣ, ҳаҷми қувва ва дониш, ки чораёни ғуншавии онҳо сарҳадҳои дахлдори синну солиро талаб менамоянд. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки ҳуқуқҳои кӯдак падидаи мураккаб ва гуногунпаҳлу мебошад. Бинобар ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба фаҳмиши ҳуқуқҳои кӯдак ва мафҳуми он фикри ягона вуҷуд

надорад. Вале бо вуҷуди ин, ҳоло ҳам тахти мафҳуми кӯдак дар қонунгузории баъзе давлатҳо ашхоси синну соли аз 18 боло ва ё поён фаҳмида мешавад.

Диссертатсия ба мавзӯи мубрам бахшида шуда, кори илмӣ-таҳқиқотии пурра мебошад, ки ахамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нисбати таҳқиқоти диссертатсионии мазкур якчанд эродҳо гирифтан мумкин аст.

Муҳақиқ дар пешниҳоди нуҳуми таҳқиқот мафҳуми ҳуқуқҳои кӯдакро бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст, ин мафҳум бештар ҳуқуқҳои табиии кӯдакро ифода мекунад. Чунин мафҳум маҳдуд буда фарогирии кулли ҳуқуқҳои кӯдак намебошад. Ҳамзамон муаллиф дар мафҳум унсурҳои "ҷудонашаванда ва бегонанашаванда будани ҳуқуқҳои кӯдак"-ро ворид намуда, инчунин ишора ба он мекунанд, ки ин ҳуқуқҳо кӯдак ҳатман аз "лаҳзаи таваллуд ба кӯдак" тааллуқ доранд. Аммо таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тамоми ҳуқуқҳои кӯдак низ аз табиати кӯдак вобаста набуда ҷудошаванда ва бегонашаванда аст. Ҳамзамон на ҳамаи ҳуқуқҳои кӯдак аз "лаҳзаи таваллуд ба кӯдак" тааллуқ дорад. Мисол ҳуқуқ ба таҳсил, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, меҳнат ва дигар ҳуқуқои кӯдак мавҷуд аст, ки ба чунин унсурҳои пешниҳод намудаи муаллиф ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ, унвонҷуро зарур аст, дар рӯзи ҳимоя чунин пешниҳоди худро асоснок намояд.

Камбудиҳои номбаргардида аҳамияти баланди илмии диссертатсияи мазкурро кам наменамоянд, зеро бо тартиб додани руйхати адабиёти истифодашуда ва руйхати корҳои илмии аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Он тибқи талаботҳои барои кори илмӣ пешбинишуда навишта шуда, ба шакл ва мазмуни мақсадҳои гузошташуда ҷавобгу мебошад.

Диссертатсияи омоданамудаи Шосаидзода Ш.Ш. дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва

сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи ҳамаи талаботҳо буда, ҳамчун тадқиқоти бааҷомрасида ва нави илмӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Он мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, минбаъд аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва дар такмили қонунгузорӣ ба таври васеъ истифода хоҳад шуд.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шосаидзода Ш.Ш. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Директори Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ.

Имзои Саидзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунад
Иҷрокунандаи сардори Бахши кадрҳо ва коргузорӣ Сафаров К.

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик
А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; e-mail: info@mmk.tj